# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди**

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №3

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 8-уми майи соли 2023, №3

барои сазовор донистани Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, тахти №60) рӯзи 27-уми феврали соли 2023, суратҷаласаи №11 барои ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Ашурмадов Қиматалӣ Машарифович 19-уми майи соли 1990 дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2008 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, онро аз рӯйи ихтисоси забони англисӣ бо касби муаллими забони англисӣ хатм кардааст. Солҳои 2015-2023 унвонҷӯйи кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад. Фаъолияти кориашро соли 2013 аз ДДОТ ба номи С.Айнӣ оғоз кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2013 то соли 2015 дар вазифаи ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии

умумидонишгоҳӣ, аз соли 2016 то соли 2018 дар вазифаи муовини декан оид ба корҳои тарбиявии факултети химия, аз сентябри соли 2018 то августи соли 2021 ба ҳайси сармутахассиси маркази тестӣ, аз моҳи декабри соли 2021 то августи соли 2022 сармутахассиси шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ, аз моҳи сентябри соли 2022 то январи соли 2023 сармутахассиси шуъбаи сифати таҳсилот ва назорати электронӣ, аз 14-уми январи соли 2023 муовини декан оид ба корҳои таълимии факултети биология кору фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии ДДОТ ба номи С.Айнӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илми филология, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саидзода Ҳалим Азиз.

**Муқарризони расмӣ:**

**Юсупова Зарина Розиқовна** – доктори илми филология, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти русии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Махадова Гулнисо Худоёровна** – номзади илми филология, муовини директор оид ба илм ва инноватсияи Литсейи №2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна, номзади илми филология, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума Маҳмудзода Миҷгонаи Аблулваҳоб, котиби илмии ҷаласа Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович имзо шуда ба имзову муҳри ректори муассиса, доктори илми филология, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ тасдиқ гардидааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи номзадии Ашурмадов Қиматалӣ

Машарифович дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бар он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

[1-М]. **Ашурмадов, Қ.** Вазифаҳои сарфии пешояндҳои забони англисӣ / Қ. Ашурмадов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2022. – № 2 (97). – С. 84-87.

[2-М]. **Ашурмадов, Қ.** Вижагиҳои дастурии пешоянди «over» дар забони англисӣ / Қ. Ашурмадов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2020. – № 4 (87). – С. 33-38.

[3-М]. **Ашурмадов, Қ.** Роҳҳои истифодабарии пешояндҳои ифодакунандаи ҳаракат дар таркиби ибораҳои феълии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Қ. Ашурмадов // Паёми Донишгоҳи Давлатии

Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2021. – № 1/3 (89). – С. 69-75.

[4-М]. **Саидзода, Ҳ., Ашурмадов, Қ.** Пешояндҳои номии изофии таркибии фодакунандаи самту ҳаракат дар забонҳои таҳқиқшаванда / Қ. Ашурмадов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе: Матбааи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2022. – № 5 (100). – С. 127-132.

**б) Мақолаҳо дар дигар маҷаллаю маҷмуаҳои илмӣ:**

[5-М]. **Ашурмадов, Қ.** Таҳлили луғавӣ-маъноии пешояндҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Қ. Ашурмадов // Барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030: мав. конфоронси илмӣ-амал. ҷумҳур. – Душанбе, 2022 – С. 202-205.

[6-М]. **Ашурмадов, Қ.** Пешояндҳои номии ғайриизофии ифодакунандаи замони амалу ҳодисаи бавуқуомада / Қ. Ашурмадов // Масъалаҳои Мубрами методикаи таълими забонҳои хориҷӣ, забоншиносӣ, назария ва амалияи тарҷума: мав. Конфоронси илмӣ-амал. ҷумҳур. – Душанбе, 2023 – С. 11-15.

**Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Орипова Мусавара Ҳафизуллоевна** - номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. **Дар тақриз** роҷеъ ба актуалӣ будани мавзуъ, навгонӣ дар таҳқиқи илмии диссертант зикр гардида, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

- рисоланавис асосан ба ақидаҳои забоншиносони хориҷӣ такя менамояд;

- дар рисолаи илмӣ баъзе хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасад.

2. **Мирзоев Сайфиддин** – номзади илми филология, мудири шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии **АМИТ.** Тақриз дар маҷмуъ мусбат буда, чунин эродҳо манзур гардиданд:

- дар бархе аз мавридҳо мисолҳо бо забони тоҷикӣ оварда шуда, тарҷумаи англисии онҳо дода нашудааст;

- дар баъзе аз шоҳидҳо ҳамчун сарчашма ба С. Айнӣ ишора шуда, саҳифаи он нишон дода намешавад, ҳол он ки ишораи саҳифа хеле муҳим аст;

- ҷо-ҷо сарчашмаи мисолҳо ишора нашудааст.

**3. Муҳидинова Таҳмина Ҳамроқуловна -** доктори илми филология, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. **Тақриз** мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

- дар баъзе мавридҳо тарҷумаи мисолҳо дар ҳарду забон муқоиса карда нашудааст;

- дар рисолаи илмӣ баъзе хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасад.

**4. Сафарова Рухшона Бекназаровна** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Тақриз** мусбат буда, чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- ишора нашудани баъзе пешояндҳо дар мисолҳои тарҷумашуда ва тарҷумашаванда аст;

- баъзе иштибоҳҳои техникӣ, китобатӣ ва имлоӣ низ ба чашм мерасад. Агар ин масъала дар оянда ба инобат гирифта шавад, аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

**5. Қурбонов Парда Ахмедович** – доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси илми филология (PhD) сардори раёсати таҳқиқоти илмӣ-иноватсионии Донишгохи Қаршии Ҷумҳурии Узбекистон. Тақриз мусбат буда, дар он ягон эрод қайд нашудааст.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои диссертатсия ва автореферати он (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии кор, инчунин дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, онро барои дарёфти дараҷаи

илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор донистанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд,** ки довталаби дараҷаи илмӣ зимни иҷро кардани таҳқиқи илмӣ чунин масъалаҳоро ҳаллу фасл намудааст:

-нишон додани дараҷаи корбасти пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар таркиби ҷумла;

-муайян намудани хусусиятҳои сохтории пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат;

-муайян намудани хусусиятҳои маъноии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат;

-ошкор намудани хусусиятҳои монандиву тафовути пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат;

-муайян намудани вазифаҳои наҳвии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат.

**Асосҳои назариявӣ** ва методологии таҳқиқотро дастовардҳои забоншиносони маъруф Фердинанд де Соссюр, Бодуэн де Куртенэ, Л. В. Шерба, В. В. Виноградов, В. С. Расторгуева, Н. М. Шанский, Ш. Рустамов, Д. Саймиддинов, Ш. Исмоилов, Н. Офаридаев, С. Сулаймонов, А. Мамадназаров, О. Қосимов, З. Мухторов, С. Ҷоматов ва дигарон ташкил медиҳанд.

Усулу равишҳои асосии таҳқиқро усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, сохторӣ, тасвирӣ, таҳлилӣ, конструктивӣ ташкил намуда, ҳамчунин дар раванди таҳқиқ равишҳои таҳлили компонентӣ, решаёбиву оморӣ низ мавриди истифода қарор дода шудааст.

Ҳамзамон, **саҳми шахсии унвонҷӯ** дар он зоҳир мегардад, ки мавзуи мазкур яке аз аввалин пажуҳишҳо дар забоншиносии тоҷик буда, бо нашри чанд мақола пешояндҳои ифодагари замон ва самту ҳаракатро дар асоси маводи муқоисавии забонҳои тоҷикиву англисӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, дар асоси муқоисаву хулосаҳои мушаххас вижагиҳои

сохторӣ, луғавию маъноӣ ва ҳамчунин этимологии ин гурӯҳи калимаҳоро ба таври мушаххас нишон додем.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи** довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ мешавад, ки таҳқиқи анҷомёфта имкон фароҳам меорад, то маълумотҳои зиёде оид ба омӯзиши сифатҳои аслӣ ва муқоисаи он байни забонҳои ба ҳам хеш ва ё бегона пайдо карда шавад, ҳамчунин амалкарду рушди забонҳои тоҷикию фаронсавӣ дар заминаи муқоиса равшантар гарданд. Таҳқиқоти мазкур метавонад барои пешбурд ва идома додани омӯзиши ҳамаҷониба, бонизом ва амиқтари сифатҳои аслӣ мусоидат кунад. Маълумотҳои дастрасшуда дар асоси таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ арзишманд мебошанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Маводи диссертатсияи мазкурро дар дарсҳои назариявии муқаддимаи забоншиносӣ, забоншиносии умумӣ, муқоисаи типологии забонҳо, дар курсу семинарҳои махсус аз фанни муқоисаи забонҳо ва таърихи онҳо, таъсири забонҳо ба якдигар мавриди истифода қарор додан мумкин аст ва ҳамчунин хулосаҳои илмию амалии таҳқиқотро чун маводи тайёри забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ истифода намудан мувофиқи мақсаду матлаб хоҳад буд. Маводи таҳқиқии диссертатсияи мазкур метавонад ҳангоми таҳияи мақолаҳои методӣ, дастурҳои таълимӣ ба таври самаранок истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқ, ҳамчунин зимни таҳияи луғатҳои тафсириву дузабона, ба ҳайси маводи арзишманд хизмат мекунанд.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафу мақсади таҳқиқот, пеш аз ҳама, муайян ва муқаррар намудани хусусиятҳои сохториву маъноии пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ мебошад.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ**. Муҳаққиқ тавонистааст, ки дар диссертатсияи мазкур ба таври илмӣ бори аввал хусусиятҳои монанду мутафовити пешояндҳои ифодакунандаи замон ва самту ҳаракатро бо